«ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ»
Ректори Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
_____________Убайдулло Асрорзода
«____» 23 феврали________ с.2024

**Барномаи PAPERLESS & PLASTIC-FREE CAMPUS (2024-2027)**

**1. Шарҳ:** Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон пайдарҳам ташаббуси сиёсати экологии кам намудани истеъмоли қоғаз ва пластикро дар чорчӯбаи стратегияи «Green Campus – 2030» ва барномаи миллии «Стратегияи рушди иқтисоди сабз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037» татбиқ карда истодааст. Барнома ба гардиши ҳуҷҷати рақамӣ, кам кардани истифодаи маҳсулоти яккаратаи пластикӣ, беҳтарсозии чоп ва ташаккули одатҳои устувори экологӣ миёни донишҷӯён ва кормандон равона шудааст.

**2. Самтҳои асосӣ ва чораҳо**

| № | Самт | Чораҳои аниқи татбиқ |
|---|---|---|
| 1 | Ҳуҷҷатгузории электронӣ | Ворид намудани низоми ҳуҷҷатгузории электронии e-Documents ва ҳисоботҳо дар шакли электронӣ бо мақсади автоматизатсияи мукотибаи дохилӣ ва беруна, инчунин ташкили аризаҳо, фармонҳо. |
| 2 | Чопи дутарафа | Насби ҳамаи принтерҳо ба ҳолати чопи дутарафа ва муқаррар намудани маҳдудиятҳо барои истифодаи қоғаз. |
| 3 | Журнали электронӣ ва дафтарчаи имтиҳонӣ | Гузариши факултетҳо ба низоми баҳисобгирии рақамӣ ва варақаҳои электронӣ. |
| 4 | Имзои электронӣ | Ворид намудани имзои электронии сертификатсияшуда барои ҳуҷҷатҳои дохилӣ. |
| 5 | Экоофис | Даст кашидан аз папкаҳои пластикӣ, истифодаи сими қоғазӣ ва қаламҳои такрорӣ. |
| 6 | Зарфҳои бисёркарата | Манъ кардани зарфҳои пластикӣ, татбиқи refill-минтақа. |
| 7 | Эко-пакетҳо | Паҳн кардани борхалтаҳои латтагӣ миёни донишҷӯён ва кормандон. |
| 8 | Paperless Conference Policy | Гузаронидани чорабиниҳои илмӣ дар формати рақамӣ (барномаҳои электронӣ, QR-воридшавӣ, е-сертификатҳо). |

| | | |
|---|---|---|
| 9 | Омӯзиши рақамӣ | Истифодаи Moodle и Alfa-Express барои онлайн-супориш бе чопи он. |
| 10 | Иқдоми "Less Paper – More Green" | Овезаҳои иттилоотӣ ва озмунҳо ҷиҳати кам кардани партовҳои қоғазӣ. |
| 11 | Ташаббусҳои шарикӣ | Чорабиниҳои ҳамҷоя бо САҲА, Маркази Орхусс ва Кумитаи ҳифзи муҳити зист. |

### 3. Натиҷа ва самаранокӣ

| Нишондиҳанда | 2024 | 2025-2026 | Ҳадаф то 2027 |
|---|---|---|---|
| Кам кардани хароҷоти қоғаз | 65% | 75 % | ≥ 95 % |
| Кам кардани партовҳои пластикӣ | 65% | 75 % | ≥ 95 % |
| Ҳуҷҷатҳои электронӣ дар гардишбуда | 75% | 85 % | ≥ 95 % |
| Иштироки кормандон дар e-office | 65% | 75 % | 100 % |

### 4. Самаранокии татбиқ

1. Кам кардани партовҳо ва хароҷот барои қоғаз ва маводҳои хароҷотӣ;
2. Баланд бардоштани сатҳи рақамигардонии равандҳо;
3. Ташаккули рафтори экологии масъулона дар кампус;
4. Баланд бардоштани нишондиҳандаҳои донишгоҳ дар рейтингҳои байналмилалӣ (UI GreenMetric, Times Impact Ranking).

### 5. Саҳм ба ҲРУ СММ

| ҲРУ | Чӣ тавр дастгирӣ мегардад |
|---|---|
| ҲРУ 12 | Истеъмол ва истеҳсоли масъулона. |
| ҲРУ 13 | Мубориза бо тағйирёбии иқлим бо воситаи кам кардани партовҳо. |
| ҲРУ 9 | Инноватсия ва инфрасохтори рақамӣ. |
| ҲРУ 4 | Маориф ва маърифати экологӣ. |

Барномаи "Paperless & Plastic-Free Campus" – ин қадам барои ташаккули муҳити устувор, рақамӣ ва аз ҷиҳати экологӣ тозаи донишгоҳ мебошад, ки пурра ба стандартҳои байналмилалии сабзи кампусҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯй мебошад.

### 6. Сохторҳои мутасаддӣ

1. ИИТ рушди устувор ва иқтисоди сабз.